Дар доираи ташаббусхои созандаву бунёдкоронаи Асосгузори сулху Вахдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон имрӯзхо дар борабари бунёду азнавсозии кисму вохидхои низомӣ ва дигар иншоотхои мухими соха, инчунин дар назди кисмхои харбӣ хучрахои алохидаи дидорбинии волидону пайвандони сарбозон низ бо тамоми шароити муосири хизматрасонӣ сохтаву мавриди бахрабардорӣ карор дода мешаванд.





Вобаста ба чараёни ин кабил корхои сохтмонӣ дар Вазорати мудофиа ва навъхои кӯшуни Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон бояд тазаккур дод, ки бунёди хонахои истирохатии аёдати сарбозон дар хамаи чузъу томхо ба накша гирифта шуда, аз чониби сохтмончиёни ин ниходи кудратии кишвар бо маром идома доранд, ки ба кавли масъулин чунин корхо аллакай дар бисёре аз кисму вохидхои низомӣ пурра ба анчом расонида шудааст.  Хафтаи  равон дар доираи омодагихо ба муносибати тачлил аз 25-умин солгарди чашни Истиклолияти давлатӣ хучраи дидорбинӣ ва як шахраки каравулии харбӣ дар кисми харбии 15018 аз чониби вазири мудофиа генерал- лейтенант Шерали Мирзо мавриди истифода карор дода шуд.




Вазири мудофиаи мамлакат ва хайати хамрохони ӯ аз сатху сифати корхои сохтмонии баанчомрасида дар ин кисми харбӣ ва хамзамон аз рафти хизмати хайати шахсӣ дидан ба амал оварда, максад аз бунёди чунин иншооти замонавии маишиву хизматрасониро мустахкам намудани равобиту хамкории низомиёни кишвар бо ахли чомеа ва пеш аз хама, аъзоёни оилахои хизматчиёни харбӣ арзёбӣ намуданд.

Зимни мулокот бо хайати афсарону сарбозони ин вохиди низомӣ таъкид карда шуд, ки бояд хар як хизматчии харбӣ бо нерӯи тоза, дилу нияти пок ва дасту бозӯи кавӣ ба ин сарзамини ачдодӣ хизмат намуда, дар тахкими Истиклоияти давлатӣ ва арчгузорӣ нисбат ба арзишхои он сахмгузор бошанд.

**Маркази матбуоти Вазорати мудофиаи Чумхурии Точикистон**